# Тақриз

ба диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Дар замони муосир дар марҳалаи рушди босуръати илму технология омӯзиши забонҳо низ сурати тозае касб намудааст. Муҳаққиқон ба масъалаҳои мухталифи шохаҳои забоншиносӣ чун фонетика, грамматика, услубшиносӣ, луғатшиносӣ, таърихи забон ва ғайра даст зада, ба ҳаллу фасли онҳо камари ҳиммат бастаанд. Корҳои омодакардаи онҳо дар шакли рисола, китобҳои таълимӣ, монография, мақолаву тезисҳо нашр шуда, дар ҳар яки онҳо ягон масъалаи мубрам ва омӯхтанашудаи илм таҳлилу баррасӣ мегарданд.

Хурсандибахш аст, ки ҳоло дар баробари омӯзиши вижагиҳои забони давлатиамон таҳқиқи типологии он бо дигар забонҳо дар ҳоли рушд аст. Омӯзиши муқоисавии забони тоҷикӣ бо забонҳои русӣ, англисӣ ва олмонӣ дар доираи илмҳои грамматика, фонетика, лексикология сурат гирифта, монандиву тафовути онҳо муайян карда мешаванд. Таҳқиқи муқоисавии забонҳо басо муҳим аст, махсусан соҳаи фразеология, ки бозтобкунандаи қонуниятҳои мухталифи забон мебошад, ҷолиби диққат мебошад.

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз воҳидҳои фразеологӣ бой ҳастанд. Омӯзишу муқоисаи онҳо бешубҳа ба тақвияти назарияи фразеологияи ин забонҳо ё умуман ба ҳалли масъалаҳои умумифразеологӣ то дараҷае мусоидат менамояд.

Дар диссертатсияи Аслонова Гулрухсор яке аз масъалаҳои омӯхтанашудаи воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, яъне «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аз ин рӯ диссертатсияи мазкур дар забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ **навгонии илмӣ** ба ҳисоб меравад.

**Объекти таҳқиқот** – воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ тавассути **методҳои** умумӣ ва махсуси **таҳқиқотии** забоншиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Хуб аст, ки **асосҳои назариявии таҳқиқот** ба андешаву пажӯҳишҳои бунёдгузорони фразеология чун Ш.Балли, В.В.Виноградов, Н.М.Шанский, А.И.Смирнитский, Н.Н. Амосова, А.В.Кунин ва забоншиносони тоҷик Н.Маъсумӣ, А.Мирзоев, Т.Д.Тоҷиев, Ш.Ниёзӣ, С.В.Хушенова, Ҳ.Маҷидов, М.Н.Азимова ва дигарон асос ёфтааст.

Диссертант **маводи** фаровони забониро аз фарҳангҳои тафсирӣ, дузабона, фарҳангҳои фразеологии тафсирӣ, дузабона, синонимӣ, шевагӣ

ва адабиёти бадеӣ гирдоварӣ намудааст, ки бешак ба таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи мавзуи мазкур мусоидат намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, дар муқаддима оид ба аҳамияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, предмету объекти пажуҳиш ва навгониҳои таҳқиқот маълумот дода шудааст.

Дар боби якум «**Асосҳои назариявии таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносӣ**» таърихи омӯзиши фразеологияи муосири забонҳои муқоисашаванда ва масъалаҳои бунёдии фразеология тавсиф гаштааст. Дар ин ҷо ақидаву таълимотҳои забоншиносони тоҷик, рус ва хориҷӣ, ки ба илми фразеология бахшида шудаанд, муҳокима гаштааст.

Боби дуюми рисола ба «**Таҳлили сохторию грамматикии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои муқоисашаванда**» бахшида шудааст. Дуруст аст, ки аввал таҳлили сохторию грамматикии фразеологизмҳои исмӣ ба роҳ монда шудааст. Муҳаққиқ ҳамаи воҳидҳои фразеологии исмиро аз рӯи принсипи калимаи меҳварӣ ҷамоварӣ ва таҳлили сохторӣ намудааст, ки бешубҳа ба васеъ гаштани ҳаҷми воҳидҳои фразеологии исмӣ сабаб мегардад. Ба таври формула нишон додани қолаби воҳидҳои фразеологии исмии забониҳои омӯхташаванда хуб аст. Дар ин ҳол нақши калимаҳои меҳварӣ, тобеъ, ёридиҳандаҳо ва тартиби ҷойгиршавиашон дар ташкили ибораҳои устувори исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян карда мешаванд.

Боби сеюми диссертатсия «**Хусусиятҳои луғавию маъноии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» ном гирифта, ба таҳлили маъноии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Натиҷаи омӯзиш нишон медиҳад, ки нақши фразеологизмҳои иқтибосӣ дар ғанӣ гаштани таркиби фразеологии забонҳои муқоисашаванда мусоидат намудааст. Омӯзиши муродифу мутазодҳои фразеологӣ дар ин боб бамаврид аст. Бахусус пайдо намудани муродифҳои фразеологӣ ва таркибҳои устувори аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик муҳим аст. Муаллиф натанҳо муродифҳои дохилизабонӣ ва байнизабониро муайян намудааст, балки тобишҳои маъноии онҳоро тасниф намуда бо мисолҳо шарҳ додааст. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар таҳлили маъноии воҳидҳои фразеологии исмӣ таркибҳои гуногунсохтору гуногунмаъно ва услубан мухталифро истифода намудааст. Доираи мисолҳои фразеологизмҳои исмии ҳар ду забон фарох ва гуногун буда, барои дарки ҳамаҷонибаи таҳлилҳо мусоидат намуда, натиҷаи баррасии масъалаҳои пешгузошташударо асоснок менамояд.

Саҳми шахсии диссертант дар ҳаллли масъалаи хосиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҷиҳатҳои умумӣ ва фарққунандаи сохторӣ-грамматикӣ ва луғавию маъноии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро нишон додааст.

Мавод ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ пешниҳод шуда, ҳамчунин 5 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бой буда, арзиши баланди илмӣ дорад. Диссертатсия бо забони хуби илмӣ навишта шуда, тартиби омӯзиши масъалаҳо мантиқан дуруст ба роҳ монда шудааст.

Диссертатсияи Аслонова Г.Н. дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори баанҷомрасида буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, д.и.ф., профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — [signature] — Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
734003
Тел: +992 93 518 10 20
E-mail: jsamiddin@mail.ru

«Имзои Ҷаматов Самиддин Салоҳиддиновичро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — [signature] — Назаров Д.Қ.

17. 01. 2022с.